Бо қарори мушовараи
Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 29 сентябри соли 2021,
№14/13 тасдиқ шудааст.

# НИЗОМНОМА
# ДАР БОРАИ РИСОЛАИ МАГИСТРӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ ВА ИЛМИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Низомнома дар бораи рисолаи магистрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтор, талабот, тартиби тайёр кардан, ҳимоя ва нигоҳдории корҳои тахассусии хатми магистриро аз рӯи барномаҳои таълимиитаҳсилоти олии касбӣ – барномаҳои магистратура (минбаъд рисолаи магистрӣ) дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

1.2. Низомномаи мазкур дар заминаи ҳуҷҷатҳои зерин таҳия шудааст:

- Қонуни Ҷумҳурии Точикистон “Дар бораи маориф”.;
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ”;
- қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 уми декабри 2007, № 650 “Дар бораи тасдиқи Низомномаи магистратура ” (тағйироту иловаҳо бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10.02.2016, № 66);
- қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 ноябри 2011, № 21/16 “Дар бораи тасдиқи Низомнома оид ба кори хатми тахассусӣ”;
- дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи маориф ва илм.

1.3. Рисолаи тахассусии хатми магистр рисолаи магистрӣ маҳсуб меёбад ва дар шакли як таҳқиқоти мустақилонаи илмие зоҳир мегардад, ки доир ба ягон мавзӯи барои ҳамон равияи илм муҳим анҷом ёфтааст.

Рисолаи магистрӣ ин кори илмии аз рӯи барномаҳои магистратура иҷрошуда буда, сатҳи омодагии хатмкунандаро ба фаъолияти мустақилонаи касбӣ, омӯзгорӣ ва илмӣ нишон медиҳад.

Рисолаи магистрӣ ин таҳқиқоти мустақилона ва мантиқан иҷрошуда, натиҷаи фаъолияти илмию таҳқиқотии магистрант буда, аз сатҳи донишҳои зарурии назариявӣ, қобилият ва маҳорати амалии магистрант далолат менамояд, ки ба ӯ имконият медиҳанд, вазифаҳои касбии самти дахлдори фаъолиятро, ки хатмкунанда аз рӯи он омода гардида, барномаи магистратураро аз худ мекунад, иҷро намояд.

1.4. Рисолаи магистрӣ ин марҳилаи ниҳоии аттестатсияи хатм буда, мақсади он ба низом даровардан, ҷамъбаст намудан ва таҳкими донишҳои назариявӣ, қобилияти амалӣ ва салоҳияти касбии хатмкунанда мебошад.

1.5. Барои магистрантони имконияташон маҳдуд муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ ҳимояи рисолаи магистриро бо дарназардошти хусусиятҳои инкишофи равонию ҷисмонӣ, имкониятҳои фардӣ ва вазъи саломатии онҳо ба роҳ мемонанд. Хусусиятҳои гузаронидани аттестатсияи хатм барои шахсони имконияташон маҳдуд бо санадҳои дахлдори меъёрии ҳуқуқии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ва илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд.

## II. ТАЛАБОТИ УМУМӢ БА РИСОЛАИ МАГИСТРӢ

2.1. Тайёр кардани рисолаи магистриро магистрант бояд дар тамоми давраи таҳсил дар магистратура мустақилона ва зери назари роҳбари илмӣ ба амал барорад. Рисолаи магистрӣ бояд дорои навгонӣ дар он ҳаҷме бошад, ки барномаҳои магистратура дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардаанд.

2.2. Рисолаи магистрӣ самти тахассусӣ дошта, қобилияти муаллифро ба таҳқиқоти мустақилона дар заминаи донишҳои назариявӣ, малакаи амалӣ ва методҳое, ки дар худ маҷмӯи натиҷаҳои барои дифоъ пешниҳоднамудаи муаллифро дар бар мегиранд, нишон медиҳад.

Барои тайёр кардани рисолаи магистрӣ маводи корҳои илмию таҳқиқотӣ, маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ, ҳамчунин маводе, ки дар давраи гузаштани таҷрибаомӯзии таълимӣ (омӯзгорӣ), истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ ҷамъоварӣ гардидаанд, мумкин аст, истифода бурда шавад.

2.3. Рисолаи магистрӣ бояд:

- сатҳи тахассуси илмии магистрант ва қобилияти мустақилона бурдани корҳои ҷустуҷӯии илмӣ ва ҳалли масъалаҳои мушахасси илмиро нишон диҳад;
- хусусияти эҷодӣ дар истифодаи маводи умуминазариявӣ, маълумотҳои нодири оморӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда дошта бошад;
- бо дарназардошти барномаи магистрӣ самти амалӣ дошта бошад;
- ба талаботи баёни мантиқӣ ва дақиқии мавод, исботшавандагӣ ва боэътимодии рақамҳо, ифодаи пайдарҳами маълумот ва ягонагии дохилӣ ҷавобгӯ бошад;
- маҳорати магистрантро ҷиҳати истифодаи усулҳои оқилонаи ҷустуҷӯ, интихоб, коркард ва ба низом даровардани иттилоот, қобилияти кор кардан бо санадҳои заруриро инъикос намояд;
- рӯзмарра будани мавзӯи интихобшуда, аҳамияти назариявию амалӣ ва сатҳи таҳқиқи онро инъикос намояд;
- дорои маҷмӯи мавод ва хулосаҳои бо далелҳо асоснокшуда бошад;

- мувофиқи талаботе, ки нисбати корҳои ба нашр тавсияшуда пешниҳод карда мешавад, дуруст тартиб дода шуда бошад (сохтори дақиқ, ҷамъбасти мантиқӣ, дуруст тартиб додани иқтибосҳо ва библиография, рӯйхати адабиёт, бо сифат иҷро кардан ва ғ.).

2.4.Магистрант барои боэтимод будани маълумоте, ки дар рисолаи магистрӣ оварда шудааст, масъул мебошад. Ӯ вазифадор аст, ки муаллифон ва манбаъҳои мавод ва натиҷаҳои алоҳидаи истифодашудаpo дар иқтибосҳо нишон диҳад.

2.5. Ҳаҷми рисолаи магистриро хусусиятҳои фан, мақсаду методҳои таҳқиқот муайян менамояд ва он бидуни замимаҳо бояд барои ихтисосҳои гуманитарӣ на камтар аз 80 ва на зиёда аз 100 саҳифа ва барои ихтисосҳои техникӣ, табиию риёзӣ на камтар аз 60 ва на зиёда аз 80 саҳифа бошад.

## III. ТАРТИБИ ИНТИХОБ ВА ТАСДИҚИ МАВЗӮИ РИСОЛАИ МАГИСТРӢ

3.1. Рисолаҳои магистрӣ мувофиқи номгӯи мавзӯъҳои намунавие, ки ҳамасола дар кафедраҳо таҳияю таҷдиди назар ва аз ҷониби раёсати илми муассисаи таълимӣ тасдиқ карда мешаванд, иҷро мегарданд.

Мавзӯи рисолаҳои магистрӣ бояд рӯзмарра ва самти илмию амалӣ дошта бошад, ба вазъи муосир ва пешомади рушди илм, ба самтҳои афзалиятноки рушди илму техника, технология дар кишвар ва амалия мувофиқат кунад, инчунин, хусусияти барномаҳои магистриро ба назар гирад.

3.2. Дар асоси аризаи магистрант мумкин аст, ки барои тайёр кардан ва ҳимояи рисолаи магистрӣ аз рӯи мавзӯе, ки худи магистрант пешниҳод менамояд, имконият дода шавад. Дар ин ҳолат мувофиқи мақсад будани ин таҳқиқот барои истифодаи амалӣ дар соҳаҳои дахлдори касбӣ ва объекти мушаххаси фаъолияти касбӣ бояд асоснок карда шавад.

3.3. Ариза дар бораи интихоби мавзӯи рисолаи магистрӣ ва таъини роҳбари илмӣ ба номи мудири кафедра то 1 октябр дар соли аввали таҳсил пешниҳод карда мешавад (Замимаи 1). Магистрант дар ариза ҷиҳати иҷрои рисолаи магистрӣ чунин навиштаҷотро дарҷ мекунад: “Бо низомнома дар бораи тафтиши рисолаи магистрӣ оид ба ҳаҷми истифода шудани мавод ва манбаъҳои бегона шинос карда шудаам. Барои ҷойгир кардани рисолаи магистрӣ дар низоми электронии китобхонаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ё илмӣ розиам” (Замимаи 2). Ариза аз ҷониби омӯзгоре, ки магистрант хоҳиш кардааст, роҳбари илмӣ таъин карда шавад, бо нишон додани розӣ будани ӯ ба роҳбарии таҳияи рисолаи магистрӣ ва надоштани эътироз нисбат ба мавзӯи пешниҳодкардаи магистрант, ҳамчунин мудири кафедрае, ки хатмкунанда дар он ҷо ба қайд гирифта шудааст, корманди масъул доир ба магистратура, намояндаи деканати муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ ба имзо расонида мешавад. Аризаи имзошуда бо ҳуҷҷатҳои замимашуда ба кафедра супорида мешавад. Агар ба магистрант ягон омӯзгори кафедра розигии худро оид ба роҳбари илмӣ надиҳад, пас

магистрант мустақилона аз ташкилоти беруна роҳбари илмиро барои тасдиқ пешниҳод менамояд. Дар ҳолати аз ҷониби магистрант мустақилони дарёфт накардани роҳбари илмӣ, мудири кафедра ва декани факултет вазифадоранд, ки магистрантро бо роҳбари илмӣ таъмин намоянд.

Магистрантон ҷиҳати ҳаҷми истифодаи мавод ва манбаъҳои бегона бояд бо тартиби тафтиши корҳои хаттӣ шинос карда шаванд.

3.4. Мавзӯи рисолаи магистрӣ ва роҳбари илмӣ барои ҳар як магистрант дар ҷаласаи кафедраи тахассусӣ тасдиқ карда мешавад. Роҳбари илмии магистр аз ҳисоби доктор ё номзадҳои илм, ки корҳои илмӣ ва илмию педагогӣ аз рӯи мавзӯи барномаи магистрӣ мебаранд, таъин карда мешавад. Қарор дар бораи тасдиқи мавзӯъ дар суратҷаласаи кафедра дарҷ карда мешавад.

Ҳангоми таъини роҳбарони илмӣ хоҳиши магистрантон ба назар гирифта шуда, онҳо метавонанд дар ҷаласаи кафедра ҳангоми таъини роҳбарони илмӣ иштирок намоянд.

3.5 Нусха аз суратҷаласаи кафедра бо рӯйхати магистрантон бо нишон додани мавзӯъҳои тасдиқшуда, роҳбарони илмӣ бо имзои мудири кафедра ба деканати муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ супорида мешавад. Деканат барои тасдиқи ниҳоӣ санадҳои омодашударо ба раёсати илми муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ пешниҳод мекунад.

3.6. Мавзӯи рисолаи магистрӣ ва роҳбари илмӣ бо фармоиши ректор (директор)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ тасдиқ карда мешавад.

3.7. Баъди ба имзо расидани фармоиш дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ ба тағйир додани мавзӯи рисолаи магистрӣ, инчунин иваз кардани роҳбари илмӣ, дар ҳолатҳои истисноӣ бо иҷозати ректор (директор) бо такрори тартиботи тасдиқкунӣ дар ҳама зинаҳо, роҳ дода мешавад.

3.8. Кафедраи тахассусӣ, факултет ва бевосита роҳбари илмии рисола барои рӯзмарра будан, мувофиқати мавзӯъҳои рисолаҳои магистрӣ, роҳбарӣ, ташкили иҷрои он, гузаронидани тафтиши рисолаи магистрӣ дар мӯҳлатҳои муқарраршуда ҷиҳати ҳаҷми истифодаи маводу манбаъҳои бегона ва роҳ додан ба ҳимоя масъуланд.

3.9 Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ метавонанд, ки аз магистрантон пеш аз тасдиқи мавзӯи рисолаи магистрӣ пешниҳоди маълумотномаро аз Маркази миллии патентию иттилоотӣ оид ба такрор наёфтани мавзӯъ талаб намоянд. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ инчунин метавонанд, ки ҷойгир намудани рисоларо дар захираҳои Маркази мазкур таъмин намоянд.

## IV. РОҲБАРИИ ИЛМИИ РИСОЛАИ МАГИСТРӢ

4.1. Роҳбари илмӣ роҳбарии раванди тайёр кардани рисолаи магистриро ба амал мебарорад:

- дар интихоби мавзӯи рисолаи магистрӣ ва тибқи талабот номгузорӣ кардани он ёрӣ мерасонад;

- якҷоя бо магистр мақсаду вазифаҳои рисолаи магистрӣ, сохтор, асоси методологӣ, заминаҳои меъёрӣ, назариявӣ ва таҷрибавии таҳқиқотро маълум менамояд;

- доир ба масъалаҳое, ки бо мазмун ва раванди тайёр кардани рисола алоқаманд мебошанд, ба магистр маслиҳат медиҳад;

- раванди тайёр кардани рисола аз ҷониби магистрро назорат мекунад;

- рисолаи тайёршударо таҳлил мекунад, дар ҳолатҳои зарурӣ барои бартараф кардани камбудиҳо тавсияҳо медиҳад ва мӯҳлати бартараф кардани онҳоро муқаррар менамояд;

- дар ҳолатҳои зарурӣ саривақт ба корманди масъул доир ба магистратура ва мудири кафедраи тахассусӣ дар бораи дер мондани магистр аз мӯҳлати тайёр кардани рисола тибқи ҷадвал маълумот медиҳад;

- дар бораи имконияти иҷозат додани рисолаи магистрӣ ба ҳимоя хулоса медиҳад. Дар баробари ин роҳбари илмӣ роҳбари таҷрибаомӯзии пешаздипломии магистр мебошад.

4.2. Роҳбари илмӣ ба таври ҳатмӣ, аз ҷумла бо истифода аз низоме, ки барои тафтиши матнҳо ҷиҳати истифодаи маводу манбаъҳои бегона пешбинӣ шудаст, баҳогузории мустақилияти навиштани рисолаи магистриро ба амал меоварад. Тибқи тартиби истифодаи мавод ва манбаъҳои бегона бо тартиби муқарраршуда дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ маълумотнома дар бораи тафтиши рисолаи магистрӣ ҷиҳати истифодаи маводу манбаъҳои бегона тартиб дода мешавад (Замимаи 5). Ҳиссаи матни нав дар рисолаи магистрӣ бояд на камтар аз 65% бошад. Дар сурати набудани маълумотнома дар бораи тафтиши рисолаи магистрӣ ҷиҳати ҳиссаи истифодаи маводу манбаъҳои бегона бе иқтибосоварӣ аз онҳо рисола ба ҳимоя роҳ дода намешавад.

4.3. Баъди аз ҷониби магистрантон ба анҷом расонидани рисолаи магистрӣ роҳбари он дар як нусха тақризи хаттӣ дар бораи рисола пешниҳод менамояд (Замимаи 3).

4.4. Роҳбари илмӣ бояд дар тақриз рӯзмарра будани мавзӯи интихобшуда, сатҳи расидан ба мақсади дар рисола гузоштаншуда, пуррагӣ ва боэътимодии мавод, ҷой доштани навгонӣ, аҳамияти назариявию амалӣ, сифати тартиб додан, камбудиҳо, натиҷаи тафтиши рисола ҷиҳати ҳаҷми истифодаи мавод ва манбаъҳои бегона, инчунин тавсия дар бораи иҷозат додани он ба ҳимояро дарҷ намояд. Тақриз набояд дар шакли қолаб ва андешаҳои умумӣ навишта шавад. Ба ҳар рисолаи магистрӣ бояд дар алоҳидагӣ тақризе навишта шавад, ки такрори тақризи рисолаҳои дигар набошад.

4.5. Дар сурати риоя накардани талаботе, ки нисбат ба рисолаҳои магистрӣ пешниҳод карда шудааст ва дар ҳолати муайян кардани он, ки фоизи маводи нав аз ҳаҷми муқарраршуда кам аст (яъне, агар таҳлили

натиҷаҳои тафтиши кор мустақилияти иҷрои кори магистрантонро тасдиқ накунад), роҳбари илмӣ бояд кори магистрантро баргардонад ва самтҳои такмил додани онро нишон диҳад.

4.6. Дар сурати бартараф нашудани камбудиҳои ошкоргардида ва боло набурдани сатҳи навгонии рисолаи магистрӣ, роҳбари илмӣ дар тақриз ин ҳолатро дарҷ менамояд. Тибқи тартиби ҳаҷми истифодаи мавод ва манбаъҳои бегона, агар дар матни кор истифодаи маводи бегона бе нишон додани муаллиф ё манбаи истифодашуда зиёдтар аз фоизи муқарраршуда бошад, рисолаи магистрӣ шоистаи баҳои "аъло" шуда наметавонад.

4.7. Дар ҳолати тақризи манфии роҳбари илмӣ масъалаи иҷозат додани рисолаи магистрӣ ба ҳимоя дар ҷаласаи кафедра бо иштироки роҳбари илмӣ ва магистр баррасӣ карда мешавад. Дар ҷаласаи кафедра далелҳои роҳбари илмӣ ва магистрант ба инобат гирифта шуда, метавонад яке аз қарорҳои зерин қабул карда шавад:

- магистрант ба ҳимояи рисолаи магистрӣ роҳ дода шавад;

- магистрант ба ҳимояи рисолаи магистрӣ роҳ дода нашавад ва ба ӯ имконият дода шавад, ки камбудиҳои ошкоршударо бартараф намуда, рисолаи магистрӣ барои тафтиши такрорӣ ба роҳбари илмӣ пешниҳод карда шавад.

- магистрант ба ҳимояи рисолаи магистрӣ роҳ дода нашавад ва ба ӯ имконият дода шавад, ки камбудиҳои ошкоршударо бартараф намуда, барои тафтиши такрорӣ ба яке аз омӯзгорони ба ҳайати профессорону омӯзгорони кафедраи тахассусӣ шомилбуда фиристода шавад.

4.8. Нусха аз суратҷаласаи кафедра доир ба ин масъала ба деканат ва раёсати илми муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ фиристода мешавад. Корманди масъул доир ба магистратура мӯҳлати супоридани рисолаи магистриро аз ҷониби ҳар як магистрант ба деканат ва раёсати илм огоҳ ва маълум менамояд.

4.9. Қарор дар бораи ба ҳимоя роҳ надодани рисолаи магистрӣ магистрантонро аз ҳуқуқи супоридани имтиҳонҳои давлатӣ маҳрум намекунад.

4.10. Шумораи рисолаҳои магистрӣ, ки таҳти роҳбарии як омӯзгор иҷро мегарданд, ба тариқи зайл муайян карда мешавад:

– номзади илм, ассистент то 2 нафар;
– номзади илм, саромӯзгор то 3 нафар;
– номзади илм, дотсент то 3 нафар;
– доктори илм, ассистент то 3 нафар;
– доктори илм, саромӯзгор то 3 нафар;
– доктори илм, дотсент то 4 нафар;
– доктори илм, профессор то 4 нафар.
– мудири кафедра, профессор то 3 нафар;
– мудири кафедра, дотсент то 2 нафар;
– доктор аз рӯи ихтисос (PhD) аз рӯи меъёрҳои номзади илм.

4.11. Ба омӯзгор барои роҳбарӣ ба ҳар як рисолаи магистрӣ дар як соли таҳсил тибқи низомномаҳои дахлдори роҳбарӣ ба корҳои илмӣ ва тақсимоти сарбории ҳайати профессорону омӯзгорон соатҳои муайян ҷудо карда мешаванд.

## V. ТАРТИБИ ОМОДА КАРДАНИ РИСОЛАИ МАГИСТРӢ ВА ПЕШНИҲОДИ ОН БА ҲИМОЯ

5.1. Магистрант вазифадор аст, ки рисоларо як моҳ қабл аз аттестатсияи хатм пурра омода намуда, ба кафедраи тахассусӣ пешниҳод кунад.

5.2. Бо мақсади омода кардан ва навиштани рисолаи магистрӣ магистрант таҷрибаомӯзии пешадипломиро дар кафедраи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ мегузарад. Тартиби гузаштан, мундариҷа ва ҳимояи таҷрибаомӯзии пешадипломӣ бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ ва барномаҳои таҷрибаомӯзии пешадипломӣ муайян карда мешаванд.

5.3. Рисолаҳои магистрӣ бояд ба таври ҳатмӣ тақризи берунӣ дошта бошанд. Барои пешниҳод батақризи берунӣ кафедраи тахассусӣ масъул ҳисобида мешавад.

5.4. Барои аз тақризи беруна гузаронидани рисолаи магистрӣ он ба як ва ё як чанд муқарриз ва шахсоне фиристода мешавад, ки кормандони кафедра, ё муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ ва ё ташкилоте, ки рисолаи магистрӣ дар он ҷо иҷро карда шудааст, набошанд.

Агар рисолаи магистрӣ хусусияти байнифаннӣ дошта бошад, он ба як чанд нафар муқарриз фиристода мешавад. Дар ҳолатҳои дигар шумораи муқарризонро кафедраи тахассусӣи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ муққарар менамояд.

5.5. Муқарризон метавонанд кормандони дигар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ, ки унвони илмӣ ё дараҷаи илмӣ доранд, мутахассисони соҳаи истеҳсолот, ки фаъолияти касбиашон ба мундариҷаи барномаи асосии таҳсилоти касбии аз рӯи он таълимгирифтаи магистрант мувофиқат мекунад, бошанд.

5.6. Муқарриз рисолаи магистриро аз таҳлил гузаронида, ба он тақризи хаттӣ пешниҳод менамояд (Замимаи 4). Дар тақриз ба рисолаи магистрӣ бояд масъалаҳои зерин равшан карда шаванд:

- муҳим ва рӯзмарра будани мавзӯи интихобшуда;
- таҳлили мундариҷаи рисола (тавсифи мухтасари ҳар қисмати рисола, баҳо додан ба қобилияти таҳлил, ҷамъбасткунӣ ва хулосабарорӣ);
- баҳо додан ба сатҳи асоснок ва боэътимод будани нуктаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои дар рисола овардашуда;
- дастовард ва камбудиҳо дар мундариҷа ва тартиби иҷрои рисола;
- хулоса дар бораи рисола дар маҷмӯъ ва пешниҳод дар бораи имконияти ба магистрант додан (надодан)-и дараҷаи “магистр”.

5.7. Кафедрае, ки дар он рисолаи магистрӣ иҷро карда шудааст, бояд магистрантонро бо тақриз ва хулоса на дертар аз 20 рӯзи тақвимӣ то рӯзи ҳимоя шинос намояд.

5.8. Рисолаи магистрии аз ҷониби магистрант тайёр ва имзошуда якҷоя бо хулосаи роҳбари илмӣ, тақриз ва маълумотнома дар бораи тафтиши рисола ҷиҳати ҳаҷми мавод ва манбаъҳои истифодашудаи бегона ба кафедраи тахассусӣ супорида мешавад. Мудири кафедра дар асоси маводи пешниҳодшуда масъалаи ба ҳимоя роҳ додани рисоларо ҳал намуда, дар варақаи унвонӣ оид ба ин масъала навиштаҷот мегузорад.

5.9.Дар мавриди роҳнадодани магистрант ба дифои рисола масъала бояд ҳатман дар ҷаласаи кафедра баррасӣ карда шавад.

5.10. Рисолаи ба пуррагӣ тайёр кардашударо бо хулосаи роҳбари илмӣ, тақриз, маълумотнома дар бораи тафтиши он ҷиҳати истифодаи маводи бегона, натиҷаи корҳои илмию таҳқиқотии магистрантон (мақолаҳои нашршуда, сертификатҳои иштирок дар конференсия ва дигар чорабиниҳои илмӣ), шакли электронии (CCD- R ё CD- RWдиск дар ғилоф барои нигоҳдорӣ) худи магистрант ба муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ на дертар аз 15 рӯзи тақвимӣ то рӯзи дифоъ месупорад.

5.11. Магистрант рисолаи магистриро дар 2 нусха пешниҳод менамояд:

- нусхаи якум - чопӣ, дар шакли китоб бо муқоваи сахт, бо имзоҳои дахлдори магистр (имзо ва сана дар саҳифаи охирини кор, яъне баъди матни муаллиф ва пеш аз рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замима гузошта мешавад) ва мудири кафедра (имзо дар варақаи унвонӣ). Дар ин нухсаи рисолаи магистрӣ хулосаи роҳбари илмӣ, тақриз, маълумотнома дар бораи тафтиши рисола ҷиҳати ҳаҷми истифодаи маводи бегона (ҳамчунин ҳисоботи пурра бо натиҷаҳои тафтиш), натиҷаҳои корҳои илмию таҳқиқотии магистрант (маводи нашршуда, сертификатҳои иштирок дар конференсия ва дигар чорабиниҳои илмӣ) гузошта мешавад;

- нусхаи дуюм – дар шакли электронӣ (CD-R ё CD- RWдиск дар ғилоф барои нигоҳдорӣ бо муқова, ки аз ҷониби роҳбари илмӣ ба имзо расонида шуда, дорои чунин ҷувздонҳо (файлҳо) мебошад:

а) шакли электронии дастхати рисолаи магистрӣ (ҷувздон бо насаби муаллиф ва номи кӯтоҳи кор номгузорӣ карда мешавад, масалан: Ному насаб. Масоили татбиқи конститутсия) (дар шакли * RTF);

б) шакли электронии маълумотнома дар бораи тафтиши рисолаи магистрӣ ҷиҳати ҳаҷми истифодаи маводи бегона (дар шакли *JPEC,* PDF);

в) шакли электронии хулосаи роҳбари илмӣ бо номи ҷувздон, ки насаби муаллифро дорад (масалан: Ному насаб. Хулоса) дар шакли *JPEC,* PDF);

г) шакли электронии тақриз бо номи ҷувздон, ки насаби муаллифро дорад (масалан: Ному насаб. Тақриз) (дар шакли *JPEC,* PDF).

## VI. ТАРТИБИ ҲИМОЯИ РИСОЛАИ МАГИСТРӢ

6.1. Кафедраи пешбар ва деканати факултет рисолаи магистрии ба таври зарурӣ таҳияшударо бо хулосаи роҳбари илмӣ, тақриз, маълумотнома дар бораи тафтиши он ҷиҳати истифодаи маводи бегона, натиҷаҳои корҳои илмию таҳқиқотии магистрант (маводи нашршуда, сертификатҳои иштирок дар конференсия ва дигар чорабиниҳои илмӣ) ба комиссияи аттестатсияи хатм на дертар аз 2 рӯзи тақвимӣ то ҳимоя мефиристад. Ҳимояи рисолаи магистрӣ дар ҷаласаи кушоди комиссияи аттестатсияи хатм доир ба ҳимояи корҳои тахассусии хатм бо тартибе, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар бораи тартиби гузаронидани аттестатсияи хатм муқаррар кардаанд, баргузор мешавад.

6.2. Рисолаҳои магистрӣ дар ҷаласаи кушоди комиссияи аттестатсияи хатм ҳимоя карда мешаванд.

Сана, замон ва макони гузаронидани дифои рисолаи магистрӣ дар ҷадвали имтиҳонҳои аттестатсияи хатм, ки ректор (директор) тибқи нақшаи таълимӣ ва ҷадвали таълимии тақвимӣ тасдиқ кардааст, муайян карда мешавад.

6.3. Ҷаласаи комиссияи аттестатсияи хатм бо риояи тартиби зерин баргузор мегардад: раиси комиссияи аттестатсияи давлатӣ ҳимояи рисоларо эълон мекунад, муаллиф ва номи рисола, роҳбари илмӣ ва муқарризро мехонад. Муаллифи рисола оид ба нуктаҳои асосии он маърӯза мекунад ва ба саволҳое, ки ҳамаи иштирокчиёни ҷаласаи дифоъ дода метавонанд, ҷавоб медиҳад. Баъди ҷавоб додан ба саволҳо сухан ба роҳбари илмӣ дода мешавад (агар ҳузур надошта бошад, хулосаи роҳбари илмӣ хонда мешавад), баъдан сухан ба муқарриз дода мешавад (агар ҳузур надошта бошад, тақриз хонда мешавад). Ба муаллифи рисолаи магистрӣ барои ҷавоб додан ба эродҳои роҳбари илмӣ ва муқарризон сухан дода мешавад. Магистр метавонад бо эродҳои муқарриз розӣ шавад ё бо далелҳои асоснок онҳоро рад кунад.

Дар муҳокимаҳои минбаъда ҳамаи шахсоне, ки дар ҳимоя ҳузур доранд, ҳуқуқи иштирок кардан доранд. Баъди ба анҷом расидани муҳокимаҳо ба муаллифи рисолаи магистрӣ сухани хотимавӣ дода мешавад.

6.4. Магистрант бояд ба ҳимояи рисола тайёрии ҷиддӣ бинад. Маърӯзае, ки магистрант бо он дар назди комиссияи аттестатсияи давлатӣ баромад мекунад, ба баҳои ниҳоии кор таъсири ҷиддӣ мерасонад. Маърӯза бояд мухтасар (чун қоида, то 10 дақиқа) ва фаҳмо бошад, нуктаҳои асосии рисоларо дар бар гирад.

6.5. Барои таъмини аёнияти мундариҷаи маърӯзаи магистрант мувофиқи мақсад аст, ки аз слайдҳои муаррифӣ, лавҳаҳо, маводи пешниҳодӣ ва ғ. истифода бурда шаванд.

6.6. Дар маърӯзаи магистрант ҳатман бояд масъалаҳои зерин инъикос ёбанд:

- номи рисолаи магистрӣ;
- муҳиммият ва рӯзмарра будани мавзӯъ;

- нукта ва хулосаҳо (натиҷаҳо)-и асосие, ки магистр ба даст овардааст;

- навгониҳои илмии рисолаи магистрӣ;

- шахсоне, ки масъалаи мазкурро тадқиқ намудаанд;

- аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастовардаи магистрант.

6.7. Комиссияи аттестатсияи хатм доир ба дифои корҳои тахассусии хатм баъди ба анҷом расидани ҳимояи ошкорои рисолаҳои магистрӣ, ки ба ҷаласаи мазкур барои ҳимоя пешниҳод карда шудаанд, бо аксари овозҳои оддӣ баҳои ҳар як корро тибқи меъёрҳои дар ҳамин Низомнома нишондодашуда муайян мекунад. Баъдан магистрантон даъват карда шуда, раис баҳоҳои гузошташударо эълон мекунад.

6.8. Баҳо дар дафтарчаи имтиҳонӣ, протоколи дифои корҳои тахассусии хатм ва суратҷаласаи комиссияи аттестатсияи давлатӣ доир ба дифои корҳои тахассусии хатм гузошта мешавад.

6.9. Комиссияи аттестатсияи хатм дар асоси натиҷаҳои имтиҳонҳои давлатӣ ва дифои кори тахассусии хатм масъалаи ба хатмкунанда додани дараҷаи “магистр”ва ҳуҷҷат дар бораи таҳсилот ва тахассусро ҳал менамояд.

6.10. Магистрантоне, ки бе сабаб ба ҳимояи рисолаи магистрӣ ҳозир нашудаанд гирифтаанд, тибқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдори соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ аз муассиса хориҷ карда мешаванд.

Магистрантоне, ки дар имтиҳони давлатӣ баҳои ғайриқаноатбахш гирифтаанд, ба ҳимояи кори тахассусии хатми рисолаи магистрӣ роҳ дода мешаванд.

6.11. Агар рисолаи магистрӣ сазовори баҳои «ғайриқаноатбахш» дониста шавад, унвонҷӯи дараҷаи магистр дар мавсими дигари фаъолияти комиссия тибқи Низомномаи дар ин маврид қабулгардида дар муддати панҷ сол, аммо на бештар аз як дафъа ба ҳимояи такрорӣ роҳ дода мешавад. Дар ин сурат комиссия муайян мекунад, ки унвонҷӯи дараҷаи магистр барои ҳимояи такрорӣ рисола аз рӯи мавзӯи пештара такмилдодаи худро пешниҳод намояд ва ё бояд дар мавзӯи наве, ки кафедраи пешбар муайян кардааст, рисолаи хатмро таълиф намояд. Дар сурати дар ҳимояи такрорӣ гирифтани баҳои «ғайриқаноатбахш» унвонҷӯи дараҷаи магистр аз ҳуқуқи дарёфти дипломи магистр маҳрум мешавад. Ба ӯ аз рӯи тартиби муқарраршуда ҳуҷҷате супорида мешаванд, ки барои чунин ҳолатҳо пешбинӣ гардидааст.

## VII. МЕЪЁРҲОИ БАҲО ДОДАН БА РИСОЛАИ МАГИСТРӢ

7.1. Баҳои “аъло” ба рисолаи магистрие гузошта мешавад, ки:

- навгонии илмӣ дорад;

- дорои нуктаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳое мебошад, ки бо сатҳи баланди асосноккунӣ ва боэътимодии худ фарқ мекунанд;

- дорои хусусияти амалӣ, таҳлили танқидии таҷрибаи амалӣ аз рӯи мавзӯи таҳқиқшаванда ва тавсияҳое мебошад, ки ба баланд бардоштани самаранокии фаъолият нигаронида шудаанд;

- дорои баёни мантиқӣ ва пайдарҳамии мавод мебошад;

- хулосаи мусбати роҳбари илмӣ ва муқарризро дорад;

- дар сатҳи баланд тайёр карда шудааст (имло, мураттабӣ, тибқи талабот оварда шудани иқтибосҳо, рӯйхати адабиёт ва ғ.);

- дар вақти ҳимояи рисола магистрант дониши амиқ доир ба масъалаҳои мавзӯъ нишон медиҳад, озодона аз маълумотҳои таҳқиқот истифода мебарад, ҳангоми маърӯза аз маводи тақсимотӣ ва аёнӣ (ҷадвалҳо, нақшаҳо, графика ва ғ.) истифода мебарад, ба саволҳои додашуда озодона ҷавоб медиҳад.

7.2. Баҳои “хуб” ба рисолаи магистрие гузошта мешавад, ки:

- дорои нуктаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳое мебошад, ки ба таври бояду шояд асоснок ва боэътимоданд;

-дорои хусусияти амалӣ, таҳлили танқидии таҷрибаи амалӣ аз рӯи мавзӯи таҳқиқшаванда ва тавсияҳое мебошад, ки ба баланд бардоштани самаранокии фаъолият нигаронида шудаанд;

- дар асоси мутолиаи васеи адабиёти илмӣ ва илмию методӣ, маводи амалӣ иҷро карда шудааст;

- дорои баёни мантиқӣ ва пайдарҳамии мавод мебошад;

- тақризи мусбати роҳбар ва муқарризро дорад;

- ба таври зарурӣ тартиб дода шудааст (имло, мураттабӣ, тибқи талабот оварда шудани иқтисбосҳо, рӯйхати адабиёт);

- ҳангоми дифои рисола магистрант донистани масъалаҳои мавзӯъро нишон медиҳад, аз маълумотҳои таҳқиқот моҳирона истифода мебарад, ба саволҳои додашуда ба осонӣ ҷавоб медиҳад.

7.3. Баҳои “қаноатбахш” дар ҳолате гузошта мешавад, ки рисолаи магистрӣ:

- дорои баёни босаводонаи масъалаҳои назариявӣ мебошад, ба маводи амалӣ асос меёбад, вале бо таҳлили рӯякии таҷрибаи амалӣ аз рӯи мавзӯи таҳқиқот, пайдарҳам баён накардани мавод ва пешниҳодҳои беасос фарқ мекунад;

- дар тақризҳои роҳбари илмӣ ва муқарриз доир ба мундариҷаи кор ва истифодаи методҳои таҳқиқот эродҳо ҷой доранд;

- дар вақти ҳимояи рисола магистрант суст баромад карда, дониши паст доир ба масъалаҳои мавзӯъ нишон медиҳад, ба саволҳои додашуда ҷавобҳои пурраю далелнок намедиҳад.

7.4. Баҳои “ғайриқаноатбахш” дар ҳолате гузошта мешавад, ки рисолаи магистрӣ:

-хусусияти таҳқиқотӣ надорад, таҳлили таҷрибаи амалиро аз рӯи масъалаи таҳқиқшаванда дар бар намегирад, мавод пайдарҳам баён карда нашудааст, хулосаҳо надорад ё онҳо хусусияти сохта доранд;

- дар вақти ҳимояи рисола магистрант ба саволҳои аз мавзӯъ додашуда бо мушкилӣ ҷавоб медиҳад, ба хатогиҳои ҷиддӣ роҳ медиҳад, назарияи масъалаҳои дар рисола баррасишударо намедонад.

## VIII. НИГОҲДОРӢ ВА ИСТИФОДАИ РИСОЛАИ МАГИСТРӢ

8.1. Рисолаҳои магистрии ҳимояшуда бо тартиби зерин нигоҳ дошта мешаванд:

- як нусхаи корро (дар шакли электронӣ) корманди масъули муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ бо тартиб додани санади супоридану қабул барои нигоҳдорӣ ба китобхонаи илмии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ ҷиҳати минбаъд ҷойгир кардан дар низоми электронии китобхона месупорад;

- нусхаи дуюми корро корманди масъули муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ бо тартиб додани санади супоридану қабул барои нигоҳ доштан ба муҳлате, ки тибқи тартиби муқаррагардида муайян шудааст, ба кафедраи тахассусӣ месупорад.

Дар ин ҳолат дар санади қабул насаби магистрантон, роҳбарони илмӣ ва мавзӯи рисолаи магистрӣ бояд ба пуррагӣ бо маълумоти дар фармоиши ректор (директор)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ дар бораи тасдиқи мавзӯъҳои рисолаи магистрӣ ва таъини роҳбарони илмӣ омада мувофиқат намоянд.

8.2. Матни рисолаи магистриро дар шакли электронӣ, ба истисноӣ матнҳои рисолаҳои магистрие, ки дорои маълумотҳои сирри давлатӣ мебошанд, корманди масъули муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ на дертар аз 14 рӯз баъди ҳимоя, барои ҷой намудан дар низоми электронии китобхона (дар шакли *RTF) ба китобхонаи илмии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ месупорад. Тартиби ҷойгиркунии матни рисолаҳои магистрӣ дар низоми электронии китобхонаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ, тафтиши ҳаҷми истифодаи маводи бегона ва ошкор кардани истифодаи ғайриқонунии маводи бегонаро санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор дар бораи тафтиши коҳои хаттии магистрантон аз рӯи барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ҷиҳати истифодаи маводи бегона муқаррар менамояд.

8.3. Иҷозат додан барои истифодаи рисолаи магистрӣ бояд мувофиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо дарназардошти аз матн гирифтани маълумотҳои истеҳсолӣ, техникӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ ва ғайра, аз ҷумла, дар бораи натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ дар соҳаи илмию техникӣ, дар бораи тарзи ба амал баровардани фаъолияти касбӣ, ки бо сабаби ба шахсони сеюм мутобиқи қарори соҳибкор маълум набудан арзиши воқеӣ ва имконпазири тиҷоратӣ доранд, ба роҳ монда мешавад.

## IX. ТАЛАБОТ БА СОХТОР ВА ТАРЗИ ТАҲИЯИ РИСОЛАИ МАГИСТРӢ

9.1. Сохтори рисолаи магистриро хусусияти мавзӯи таҳқиқшаванда муайян мекунад, аммо дар ҳама ҳолат қисматҳои зеринро дар бар мегирад: варақаи унвонӣ, мундариҷа (ё нақшаи кор), муқаддима, қисмати асосӣ, ки ба бобу параграфҳо ҷудо карда шудааст, хулоса, рӯйхати адабиёт ва манбаъҳои истифодашуда. Дар ҳолатҳои зарурӣ ба рисолаи магистрӣ маводи иловагӣ (ҷадвал, нақша, графика ва ғ.) ворид карда мешавад.

9.2. Дар варақаи унвонии рисолаи магистрӣ иттилоот дар бораи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ, ки дар он кор иҷро карда мешавад, муаллиф, номи самти таҳсилот, барномаи магистрӣ, роҳбари илмӣ, роҳ додани кор ба ҳимоя, баҳо ва дигар маълумот дарҷ карда мешавад (Замимаи 6).

9.3. Дар саҳифаи дуюми рисолаи магистрӣ мундариҷа бо нишон додани рақамҳои саҳифаҳое, ки ҳар параграф аз он оғоз меёбад, ҷойгир кунонида мешавад. Мундариҷа инҳоро дар бар мегирад: муқаддима, номҳои тамоми бобҳою зербобҳо, хулоса, рӯйхати адабиёт ва манбаъҳои истифодашуда, номҳои замимаҳо бо нишон додани рақами саҳифаҳое, ки аз онҳо ин қисматҳои рисолаи магистрӣ оғоз меёбад.

9.4. Дар муқаддимаи рисола баррасӣ карда мешавад: рӯзмарра будани мавзӯъ, интихоби мавзӯъ, навоварии он, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот; дар бораи методҳои истифодашуда, сатҳи баррасии мавзӯъ дар адабиёт бо нишон додани номи олимон ва таҳқиқоти асосии илмии онҳо; заминаи меъёрӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии кор; сохтори рисола.

9.5. Матни асосии таҳқиқот ва ё қисмати асосии рисоларо мақсаду вазифаҳои таҳқиқот муайян менамояд ва ин қисмати рисола ба бобҳо ва параграфҳо ҷудо мешавад. Микдори бобҳо аз хусусияти рисолаи магистр вобаста аст, аммо рисола бояд на камтар аз ду боб иборат бошад. Дар байни бобҳои рисола бояд як робитаи дохилии маъноӣ мавҷуд бошад ва мӯҳтавои ҳар як боб бояд возеҳ ва мантиқан пай дар ҳам баён гардад. Мундариҷаи бобҳою параграфҳо бояд бо номи онҳо мувофиқат кунад, дорои таҳлили муқоисавӣ, масъалагузорӣ ва асоснок кардани тавсияҳо роҷеъ ба ҳалли онҳо бошад. Дар охири ҳар як параграф натиҷаи таҳқиқот ҷамъбаст ва хулосабарорӣ карда мешавад. Тавсия карда мешавад, ки бо дарназардошти ҳаҷм бобҳо ва параграфҳо бо якдигар мувофиқан ва баробар тақсим карда шаванд. Сарлавҳаи бобҳо бояд хеле мухтасару возеҳ бошад ва мундариҷаи асосиро аниқ инъикос намояд ва набояд номи рисоларо такрор кунад.

9.6. Хулосаи рисола бояд ба он мақсаду вазифаҳои таҳқиқоте, ки дар муқаддима зикр ёфтаанд, робитаи мустақим дошта бошад. Дар ин қисмати рисола хулосаҳо ва ҷамъбасти андешаҳое, ки аз тамоми матни рисола бармеоянд, оварда мешаванд, инчунин тавсияҳо, пешниҳод ва роҳҳои таҳқиқоти минбаъдаи мавзӯъ нишон дода мешавад.

9.7. Дар замима лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, таҳлилу ҷамъбастҳои оморию сотсиологӣ, ҷадвалу нақшаҳо ва ғ., ки муаллиф тайёр кардааст, оварда мешаванд. Ҳар як замима рақамгузорӣ карда мешавад ва як масъалаи иттилоотиро дар бар мегирад.

9.8 Дар рӯйхати адабиёт ва манбаъҳои истифодашуда ҳама манъбаҳои иттилоотие, ки муаллиф истифода бурдааст, ворид карда мешаванд (Замимаи 7). Адабиёт ва манбаъҳое, ки дар поварақи матни параграфҳо оварда нашудаанд, дар қисмати адабиёт ва манбаъҳои истифодашуда пешбинӣ намудан манъ аст. Тавсия карда мешавад, ки фаслҳои зерин ҷудо карда шаванд:

- санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ (онҳо бо тартиби қувваи ҳуқуқиашон ҷойгир карда мешаванд, ҳамзамон санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки қувваи баробари ҳуқуқӣ доранд, мувофиқи тартиби тақвимии қабули онҳо ҷойгир карда мешаванд);
- адабиёти илмӣ;
- адабиёти таълимӣ ва иттилоотӣ;
- мақолаҳо дар маҷаллаҳо ва маҷмӯаҳои илмӣ;
- диссертатсияҳо ва авторефератҳо;
- маводи амалияи судӣ;
- интернет-захираҳо ва ғ.

Тавсия карда мешавад, ки китобҳои илмӣ, китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ, мақолаҳо, авторефератҳои рисолаҳо бо тартиби алифбо аз рӯи насаби муаллифон ҷойгир карда шаванд (агар дар саҳифаи якум номи муаллиф нишон дода нашуда бошад, бо тартиби алифбо аз рӯи номи китоб, китоби дарсӣ, дастури таълимӣ, мақола).

Магистрант вазифадор аст, ки дар таҳқиқи рисолаи магистрӣ зиёда аз 150 адад адабиёт ва манбаъҳои истифодашударо (барои илмҳои техникӣ зиёда аз 100 адад адабиёт) истифода намуда, дар ҳар саҳифаи параграфҳо ҳатман якчанд иқтибос оварад.

Дар матни параграфҳо иқтибосҳо, андешаҳо, адабиёти истифодашуда танҳо дар шакли поварақ пешбинӣ карда мешавад. Дар дигар шакл пешбинӣ намудани адабиёт ва манбаъҳои истифодашуда дар матни зербобҳо манъ аст (Замимаи 8).

Дар поварақ нишон додани саҳифаи манбаи иқтибосшаванда ҳатмӣ мебошад.

9.9. Матни рисолаи магистрӣ дар варақаҳои қолабии коғази сафеди ҳаҷми А4, кегли 14, ҳуруфи Times New Roman Tj, фосилаи байни сатрҳо 1,5, ҳаҷми ҳошияҳо - қисми боло 2 см, чап 3 см, рост 1,5 см, поён 2 см; масофаи сархат – 1 см, иқтибосҳои поварақҳо - кегли 10, ҳуруфи Times New Roman Tj, фосилаи байни сатрҳо 1 см иҷро карда мешавад.

9.10. Рақамбандии саҳифаҳо дар қисми поёнии саҳифа аз тарафи рост ба амал оварда мешавад. Саҳифаҳои рисолаи магистрӣ бояд бо рақамҳои арабӣ рақамбандӣ ва ин рақамбандии гузаранда дар тамоми матни рисола, аз ҷумла замимаҳо риоя карда шавад. Ҳар як қисми таркибии рисола (муқаддима, номи тамоми бобҳо, хулоса, рӯйхати адабиёт ва манбаъҳои истифодашуда, номи замимаҳо), ба ғайр аз параграфҳо, бояд аз саҳифаи нав оғоз карда шавад. Расмҳо ва ҷадвалҳое, ки дар саҳифаҳои алоҳида оварда шудаанд, ба рақамбандии умумии саҳифаҳо дохил карда мешаванд. Дар саҳифаи якум ва саҳифаи мундариҷа рақам гузошта намешавад. Ғайр аз рақамҳои саҳифаҳо гузоштани ягон хел аломати

иловагӣ иҷозат дода намешавад (масалан, ба таври зайл нишон додани саҳифа манъ аст : “-4- ё” “-4” ва ғ.).

9.11. Матни рисолаи магистрӣ бояд ба таври ҷиддӣ таҳрир карда шавад. Ӯҳдадории таҳрир кардани матн ва ба он ворид намудани ислоҳҳои дахлдор ба зиммаи муаллифи рисолаи магистрӣ ва роҳбари илмӣ гузошта мешавад. Роҳбари илмӣ барои мувофиқати матнҳои корҳои хатии чопшуда ва шакли электронии он комилан масъул аст ва дар ин бора дар муқоваи диск имзо мегузорад (Замимаи 9, 10).

9.12. Натиҷаҳои асосии илмие, ки муаллифи рисолаи магистрӣ ба даст овардааст, бояд ҳатман тавассути интишор намудан дар нашрияҳои илмӣ, дар шакли маърӯзаҳо дар конфронсҳои илмӣ, симпозиумҳо, семинарҳо мавриди санҷиш қарор дода шавад. Магистарант вазифадор аст, ки то ҳимояи рисолаи магистрӣ дар кафедра на камтар аз се мақолаи илмиро чоп намояд. Як номгӯй аз ин мақолаҳоро ӯ метавонад, ки дар ҳаммуаллифӣ интишор намояд.

9.13. Рисолаи магистрие, ки бомуваффақият ҳимоя карда шудаанд, панҷ сол дар китобхонаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ нигоҳ дошта шуда, баъд мувофиқи тартиботи муқарраршуда (баъди ба тасвиб расонидани санад) ба бойгонӣ супорида мешавад. Рисолаи магистрие, ки дар китобхона нигоҳ дошта мешавад, ба дилхоҳ аъзои китобхона барои истифодабарӣ дода мешавад.

Замимаи 1

**Намунаи ариза дар бораи интихоби мавзӯи рисолаи магистрӣ**

Ба мудири кафедраи (номи кафедра, унвони илмии мудир)
______________________________
( Н.Н.мудир)
аз магистранти курси 1 гурӯҳи ________, факултети __________
ихтиссоси ___________________
(рамзи самти тайёр кардан, номи ихтисос нишон дода мешаванд)

______________________________
(пурра Н.Н.Нп.)
Тел.:________________________

АРИЗА

Аз Шумо хоҳиш менамоям, ки мавзӯи рисолаи магистрии маро "____________ ____________________________________________________________" тасдиқ ва роҳбари илмиамро __________________________________________________ таъин намоед.
(вазифа, унвони илмӣ, насаб ва Н.Н.Нп. роҳбари илмӣ)

Бо Низомнома дар бораи тафтиши рисолаи магистрӣ ҷиҳати ҳаҷми истифодаи мавод ва манбаъҳои бегона шинос карда шудаам. Барои ҷойгир намудани рисолаи магистрии ман дар низоми электронии китобхонаи мактаби олӣ розиам.

Имзои магистрант

"____" _________ соли 20 __

"МУВОФИКА КАРДА ШУДААСТ".
Роҳбари илмӣ _______________
(Н.Н.Нп.)
Роҳбари барномаи магистрӣ,
Мудири кафедра _______________
Н.Н.Нп.)
Намояндаи деканат:
"ДАР ДОИРАИ ВАКОЛАТ"
____________________
(Н.Н.Нп.)

Замимаи 2

**Руйхати магистрантон**

Магистрантони зерини курси 1-и магистратура бо Низомнома дар бораи тафтиш намудани корҳои хатии хонандагон аз рӯи барномаҳои таҳсилотии таҳсилоти олии касбӣ – барномаҳои бакалавриат, барномаҳои мутахассис ва барномаҳои магистратура ҷиҳати истифодаи мавод ва манбаи бегона дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ шинос карда шудаанд:

| № р/т | Н.Н.Нп. магистрант | Гурӯҳ | Имзо |
|---|---|---|---|
| 1. | | | |
| 2. | | | |
| 3. | | | |
| 4. | | | |
| | | | |

Замимаи 3

**Номи кафедра**

Кафедраи________________________________________________________

Барномаи магистрӣ « ________________________________________________________ »

## ТАҚРИЗИ
**роҳбари илмӣ ба рисолаи магистрӣ**

| | |
|---|---|
| Магистрант | Насаб, Ном, Номи падар |
| аз рӯи самти тайёрӣ | Рамз, номи самти тайёрӣ |
| Мавзӯи рисолаи магистрӣ | « ____________________________________ » |
| Роҳбари илмӣ | Унвони илмӣ, дараҷаи илмӣ, вазифа<br>Насаб, Ном, Номи падар |

1. Рӯзмара будани мавзӯи интихобшуда.
2. Мувофиқати мазмуни рисола ба мундариҷа ва сатҳи ошкор кардани он (мувофиқати мазмуни рисола ба мундариҷаи он, пурагии ошкор кардани саволҳои мавзӯъ, далелнок будани нуктаҳои асосии он).
3. Тарафҳои мусбӣ ва манфии рисола (иҷрои талаботҳои роҳбар, сатҳи тадқиқи мавзӯъ, мустақилият, ҷой доштани навигарии илмӣ, қобилияти кор кардан бо адабиёти иттилоотӣ, манбъаҳо ва ҳуҷҷатҳои меъёрие, ки дар кори таҷрибаи касбии худ истифода бурдааст, имконияти истифодаи амалии нуктаҳои рисола).
4. Ба тартиб овардани рисола ва сифати он (риоя кардани талабот ҳангоми тайёр кардани рисола, тарзи баён, мувофиқати замимаҳо ба мазмуни кор, баҳо ба сифати маводи таҳлилӣ ва таҷрибавии пешниҳодшуда).
5. Натиҷаҳои тафтиши рисола ҷиҳати ҳаҷми истифодаи маводҳо ва манбаъҳои бегона

(рисолаи магистрии________________ (Н.Н.Нп. магистрант нишон дода мешавад) дар мавзӯи ________________________________________________ ҷиҳати истифодаи мавод ва манбаъҳои бегона, ҳиссаи маводи нав ташкил медиҳад ______% (фоизи навигарӣ нишон дода шавад) тафтиш карда шудааст.

6. Хулосаи умумӣ доир ба рисола (мувофиқати рисола ба талаботи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз рӯи самти тайёрӣ, баҳо додан ба мустақилияти навишта шудани рисолаи магистрии магистрант, ҷой доштани навигарии илмӣ, имконияти роҳ додан ба ҳимоя, сатҳи иҷрои рисола).

Эзоҳ: дар тақриз овардани хулосаҳои умумӣ, ки моҳияти корро ифода намекунад манъ аст.

Роҳбарӣ илмии рисолаи магистрӣ:
Унвони илмӣ, дараҷаи илмӣ, вазифа ______________________
(имзо)

“____” ______________2017с.

Бо тақриз шиносам: Н.Н.Нп
______________________
“__”______________2017с. (имзо)

Замимаи 4

**ТАҚРИЗ**
**ба рисолаи магистрии**

магистрант аз рӯи самти тайёрии ________________________________________________

рамз, номи самти тайёрӣ

курси 2, факултети ___________________________ донигоҳ (донишкадаи) ________________

барномаи магистрӣ « ____________________________________________________________ _»

Насаб , ном, номи падар

Дар мавзӯи: «________________________________________________________»

Муқарриз ___________________________________________________________________________

(Н.Н.Нп., ҷойи кор, вазифа унвон, дараҷаи илмӣ, дар сурати доштан)

- рӯзмара будани мавзӯи интихобшудаи рисола;
- таҳлили мазмуни рисола (тавсифи мухтасари ҳар зербоби рисола, баҳо додан ба қобилияти таҳлил, ҷамъбаст, хулосабарорӣ);
- баҳо додан ба сатҳи асоснокӣ ва боэтимодии нуктаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар рисола ҷой доранд;
- дастовард ва камбудиҳои рисола аз рӯи мазмун ва тайёр кардан;
- нуқтаи назар дар бори рисола умуман ва хулоса дар бораи имконияти ба хонанда додани тахассуси «магистр».

Муқарриз:

Унвони илмӣ, дараҷаи илмӣ, вазифа: Н.Н. Нп

_____________________

имзо

“_____” ______________ 20 ___

Ҷ.М.

Замимаи 5

Номи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ____________________________

Кафедраи ___________________________________________________

Барномаи магистрии «__________________________________________»

(номи барномаи магистрӣ)

**МАЪЛУМОТНОМА**

**дар бораи тафтиши рисолаи магистрӣ ҷиҳати ҳаҷми истифодаи мавод ва манбаъҳои бегона аз ҷониби магистранти курси 2**

_______________________________________________________________

Насаб, ном, номи падар

Дар мавзӯи: «___________________________________

_______________________________________________________________ »

Роҳбари илмӣ: __________________________________________________

(унвони илмӣ, дараҷаи илмӣ, вазифа, Н.Н.Нп. роҳбари илмӣ нишон дода мешавад)

Тафтиши рисолаи магистрӣ ҷиҳати истифодаи мавод ва манбаъҳои бегона бо истифода аз ________________________________________________________________

(Номи сайт ва номи пурраи барнома нишон дода мешавад)

1) Сурати намунаи ҳисобот аз рӯи натиҷаи тафтиш дар система (дар барнома, дар интернет- захираҳо).

Қисми нисбатан нав: 0%

Қисми нав: 76,46%

Қисми аз дигарон истифодашуда: 7,65%

Истифода аз манбаъҳои "сафед": 15,89%

Баҳои ҷамъбастии навигарӣ: 92,35%

Сурати натиҷаи кори система гузошта мешавад (барнома, интернет - захираҳо).

2) Замима: матни пурраи ҳисобот дар бораи натиҷаҳои тафтиш дар система (дар барнома, интернет- захираҳо) ҳатмӣ мебошад.

Роҳбари илмии рисолаи магистрӣ:

Унвони илмӣ, дараҷаи илмӣ , вазифа ______________________________

Н.Н. Нп ________________________________________ ____________________

имзо

«_____» ____________ соли 20___

Замимаи 6

**Намунаи варақи якуми рисолаи магистрӣ**

Номи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ
Номи Факултет
Номи кафедра
Насаб, Ном, Номи падари магистрант

**МАВЗӮЪ**
Рамзи самти тайёр кардан, номи самти тайёр кардан
Барномаи магистрӣ “номи барнома”
Рисолаи магистрӣ дар бораи гирифтани тахассусӣ «магистр»

**Роҳбари илмӣ:**
Унвони илмӣ, дараҷаи илмӣ,
Н.Н.Нп
**Рисола ба ҳимоя роҳ дода шуд:**
мудири кафедра “ номи кафедра”
унвони илмӣ, дараҷаи илмӣ
Н.Н.Нп
Саннаи ҳимоя:
Баҳо :_______

**Душанбе - сол**

Замимаи 7

## Намунаи тартиб додани рӯйхати адабиёт
## Рӯйхати адабиёт ва манбаъҳои истифодашуда

### Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ

1. Конституция Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар раъйпурсии умумихалқӣ 4 ноябри соли 1994 қабул шудааст, бо тағйироту иловаҳо аз 22 майи соли 2016) // Ахбороти Маҷлиси Олӣ. 2016. № 31. Мод. 5.

2. Конвенция дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак (аз ҷониби Ассамблеяи Генералии СММ аз 20 ноябри соли 1989 қабул шудааст) // Ведомости Съезда народных депутатов СССР и Верховного Совета СССР. 1990. № 45. Ст. 955.

3. Гражданский процессуальный кодекс Российской Федерации от 14 ноября 2002 г. № 138-ФЗ (в ред. от 30 декабря 2015 г., с изм. и доп., вступ. в силу с 1 января 2016 г.) // СЗ РФ. 2002. № 46. Ст. 4532; 2016. № 1 (ч. I). Ст. 13.

4. Федеральный закон от 15 ноября 1997 г. № 143-ФЗ (в ред. от 28 ноября 2015 г.) «Об актах гражданского состояния» // СЗ РФ. 1997. № 47. Ст. 5340; 2015. № 48 (ч. I). Ст. 6724.

5. Указ Президента РФ от 1 июня 2012 г. № 761 «О Национальной стратегии действий в интересах детей на 2012 - 2017 годы» // СЗ РФ. 2012. № 23. Ст. 2994.

6. Постановление Правительства РФ от 4 ноября 2006 г № 654 (в ред. от 16 декабря 2014 г.) «О деятельности органов и организаций иностранных государств по усыновлению (удочерению) детей на территории Российской Федерации и контроле за ее осуществлением» // Российская газета. 2006. 16 нояб.; СЗ РФ. 2014. № 51. Ст. 7456.

7. Приказ Минздравсоцразвития России от 23 декабря 2009 г. № 1012н (в ред. от 22 июля 2014 г.) «Об утверждении Порядка и условий назначения и выплаты государственных пособий гражданам, имеющим детей» // Российская газета. 2010. 27 янв.; 2014. 5 сент.

*Эзоҳ: Тартиби ҷойгир намудан дар рӯйхат – вобаста аз қувваи ҳуқуқӣ; санадҳои меъёрие, ки қувваи баробари ҳуқуқӣ доранд, мутобиқи пайдарҳамии тақвимии қабули онҳо ҷойгир карда мешаванд.*

### Адабиёти илмӣ

8. Абушенко Д.Б. Проблемы взаимовлияния судебных актов и юридических фактов материального права в цивилистическом процессе. Тверь: Издатель Кондратьев А.Н., 2013. 319 с.

9. Бошко В.И. Очерки семейного права. Киев: Госполитиздат УССР, 1952 . 371 с.

10. Викут М.А. Стороны - основные лица искового производства. Саратов: Издательство Саратовского университета, 1968. 76 с.

11. Ильина О.Ю. Интересы ребенка в семейном праве Российской Федерации. М.: Городец, 2006. 192 с.

12. Нечаева А.М. Семейное право: актуальные проблемы теории и

практики. М.: Юрайт-Издат, 2007. 280 с.

**Адабиёти таълимӣ ва иттилоотӣ**

13. Айтов П.Б., Белялова А.М., Богданов Е.В. и др. Семейное право: учебник /под ред. Р.А. Курбанова. М.: Проспект, 2015. 231 с.

14. Алиев Т.Т., Афанасьев С.Ф., Балашов А.Н. и др. Комментарий к Гражданскому процессуальному кодексу Российской Федерации (постатейный) / под ред. М.А. Викут. 2-е изд., перераб. и доп. М.: Юрайт, 2014. 607 с. Сер. «Профессиональные комментарии».

15. Алиев Т.Т., Афанасьев С.Ф., Баулин О.В. и др. Гражданское процессуальное право России: учебник для бакалавриата и магистратуры / под ред. С.Ф. Афанасьева. М.: Юрайт, 2015. 879 с.

16. Арбитражный процесс: учебник / под ред. В.В. Яркова. 4-е изд., перераб. и доп. М.: Инфотропик Медиа, 2010. 880 с.

17. Баев А.А., Утяшов Э.К. Семейное право: учебное пособие. М.: РИОР, 2005. 91 с.

18. Барсукова В.Н., Глухова М.Н., Лебедев М.Ю. и др. Гражданский процесс: учебник и практикум для прикладного бакалавриата / под ред. М.Ю. Лебедева. М.: Юрайт, 2015. 388 с. Сер.: Бакалавр. Прикладной курс.

19. Белякова А.М., Ворожейкин Е.М. Советское семейное право / под ред. В.П. Грибанова. М.: Юридическая литература, 1974. 304 с.

20. Викут М.А., Зайцев И.М. Гражданский процесс: курс лекций. Саратов: Издательство Саратовской государственной академии права, 1998. 336 с.

21. Дегтярев С.Л. , Жуйков В.М., Закарлюка А.В. и др. Справочник по доказыванию в гражданском судопроизводстве / под ред. И.В. Решетниковой. 5-е изд., доп. и перераб. М.: Норма, Инфра-М, 2011. 496 с.

22. Зайцева Т.И. , Патрушева Т.В., Перевалова И.В. и др. Настольная книга нотариуса Организация нотариального дела: в 4 т. / под ред. И.Г. Медведева. 3-е изд., перераб. и доп. Т. 1: Организация нотариального дела. М.: Статут, 2015. 414 с.

23. Тарасенкова А.Н. Правовые аспекты семейных отношений: ответы на вопросы и комментарии. М.: Библиотечка «Российской газеты», 2014. Вып. 13. 144 с.

**Мақолаҳо дар маҷалаҳо ва маҷмӯаҳои илмӣ**

24. Афанасьев С.Ф. Гражданский процессуальный аспект реализации репродуктивных прав и обязанностей // Вестник гражданского процесса. 2013. № 6.С. 66-82.

25. Афанасьев С.Ф. Гражданская процессуальная сторона дел об исполнении договора о предоставлении услуг суррогатного материнства // Арбитражный и гражданский процесс. 2014. № 7. С. 27-31.

26. Афанасьев С.Ф. Законодательные аспекты проблемы усыновления // Подросток и закон: материалы конференции (г. Москва, 13-14 июня 2000 г.). М.: Рудомино, 2002. С. 208-210.

27. Викут М.А. О видах судопроизводства по гражданским делам // Вестник Саратовской государственной академии права. 1996. № 1. С.15-18.

28. Вильховик А. Юридический интерес как предпосылка доступности судебной защиты // Арбитражный и гражданский процесс. 2005. № 12. С. 2-7.

**Диссертатсияҳо ва авторефератҳо**

29. Беспалов Ю.Ф. Судебная защита семейных прав ребенка: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. М., 1997.

30. Боннер А.Т. Производство по делам, возникающим из административноправовых отношений: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. М., 1966.

31. Фокина М.А. Механизм доказывания по гражданским делам: автореф. дис. ... д-ра юрид. наук. М., 2011.

**Маводи амалияи судӣ**

*Маводӣ бойгонӣ низ нишон дода мешавад*

32. Постановление Пленума Верховного Суда РФ от 19 декабря 2003 г. № 23 «О судебном решении» // Российская газета. 2003. 26 дек.

33. Определение Судебной коллегии по гражданским делам Верховного Суда РФ от 22 июня 2001 г. № 65-ГО1-02. Доступ из Справ. правовой системы «Гарант-Максимум».

34. Постановление президиума Тюменского областного суда от 15 ноября 2002 г. «Решение суда об отказе в изменении даты рождения усыновленного ребенка отменено как противоречащее Конституции Российской Федерации» (извлечение) // Бюллетень Верховного Суда Российской Федерации. 2003. № 4.

35. Архив Заводского районного суда г. Саратова за 2006 г. Дело № 2-99.

36. Практика Пресненского районного суда г. Москвы за 2007 г. Дело № 247- 54. URL: Moscow@lexgroup.ru (дата обращения: 15.10.2008).

**Интернет-захираҳо**

Астахов привел данные по незаконному усыновлению российских детей американцами // ООО Деловая газета «Взгляд». URL: http://vz.ru/news/2015/ 2/10/728789.ht.m1 (дата обращения: 10.03.2016).

Замимаи 8

## Намунаи тартиб додани иқтибосҳо

1. Иқтибосҳо танҳо дар шакли поварақ оварда мешавад. Агар матн на аз рӯи манбаи аввал, балки аз рӯи нашрия ва саннади дигар иқтибос шуда бошад, он гоҳ иқтибос бо калимаҳои зерин сар карда мешавад: Иқтибос карда мешавад аз рӯи китоби: Россинская Е.Р., Галяшина Е.И., Зинин А.М. Теория судебной экспертизы. М., 2009. С. 142.

Иқтибос карда мешавад аз рӯи китоби: Беспалов Ю.Ф. Усыновление как способ судебной защиты прав ребенка // Российская юстиция. 1997. № 7. С. 39 - 41.

2. Агар дар матн ҳавола доир ба нуқтаи назари муаллиф бе иқтибоси айнан овардашуда (бе нохунак) ҷой дошта бошад, онгоҳ дар иқтибос навишта мешавад «Ниг.:»

*Дар матн:* Ю.Ф. Беспаловба он чиз аҳамият медиҳад, ки ... [1] дар ҳавола [1]: Ниг.: Беспалов Ю.Ф. Усыновление как способ судебной защиты прав ребенка // Российская юстиция. 1997. № 7. С. 39.

3. Ҳангоми ҳавола кардан ба санади қонунгузорӣ дар ҳавола нишон додани номи пурраи расмӣ ва манбаи расмие, ки дар он нашр карда шудааст, ҳатмӣ мебошад:

**[1] Ниг .: Федеральный закон от 9 декабря 2010 г. № 353-ФЗ «О внесении изменений в Гражданский процессуальный кодекс Российской Федерации» // СЗ РФ. 2010. № 50. Ст. 6611.**

Агар дар санади қонунгузорӣ тағйирот ворид шуда бошад, он гоҳ иттилоот дар бораи нашри якум ва рӯзмарраи қонун (номи пурраи расмӣ, манбаъҳои расмии нашри таҳрири якум ва тағйиротҳои охирин) ҳатман нишон дода мешавад.

**[1] Ниг.: Федеральный закон от 15 ноября 1997 г. № 143-ФЗ «Об актах гражданского состояния» (в ред. от 28 ноября 2015 г.) // СЗ РФ. 1997. № 47. Ст. 5340; 2015. № 48 (ч. I). Ст. 6724.**

4. Объекти тартиб додани ҳаволаҳои библиографӣ ҳамчунин захираҳои электронии дастраси локалӣ ва дур буда метавонад. Ҳаволаҳо ҳам дар захираҳои электрони умуман (ҳуҷҷатҳои электронӣ, маъхазҳои иттилоотӣ, порталҳо, сайтҳо, веб – саҳифаҳо, форумҳо ва ғайра), ҳам дар қисмҳои таркибии онҳо (фаслҳо ва қисмҳои ҳуҷҷатҳои электронӣ, порталҳо, сайтҳо, веб- саҳифаҳо, чоп дар нашрияҳои силсилавии электронӣ, иттилоот дар форумҳо ва ғ.) тартиб дода мешаванд. Ҳангоми тартиб додани ҳавола ба маводҳое, ки аз Интернет гирифта шудаанд, бояд ҳаддалимкон талаботе, ки нисбат ба тартиб додани рӯйхати библиографии корҳои нашршуда пешниҳод карда мешавад, риоя гардад, суроғаи пурраи мавод, аз ҷумла номи сайт ва саннаи нашри мавод дар Интернет бояд ҳатман нишон дода шавад.

**[1] Астахов маълумотҳоро доир ба ғайриқонунӣ фарзандхон кардани кӯдакони россиягӣ аз ҷониби америкоиҳо гирифтааст // ООО Деловая**

**газета «Взгляд». URL: http://vz.ru/news/2015/2/10/728789.html (муҳлати мурочиат: 10.03.2016).**

**[2] Определение Судебной коллегии по гражданским делам Верховного Суда РФ от 22 июня 2001 г. № 65-ГО1-02. Доступ из Справ. правовой системы «Гарант-Максимум».**

**[3] Ниг.: Жилищное право: актуальные вопросы законодательства: электронный журнал. 2007. № 1. URL: http://www.gilpravo.ru (дата обращения: 10.03.2016).**

5. Барои ҷудо кардани унсурҳои тасвирӣ чунин низоми аломатҳои шартан ҷудокунанда истифода мешаванд:

Хатчаи каҷ (/) – пеш аз маълумотҳо дар бораи муаллиф (ҳо), масъулон, сармуҳаррирҳо;

ду хатчаи каҷ (//) – пеш аз маълумотҳо дар бораи нашрияе, ки дар он қисми ҳуҷҷатҳо ҷойгир карда шудааст;

ду нуқта (:) пеш аз номи нашрия, пеш аз шакли нашрия вобаста ба хусусияти иттилоот.

аломат// (ду хатчаи каҷ) хуб мешуд, ки бо ҷудо кардани 1 банд аз ду тараф гузошта шавад. Аломати /ва // ҳамаи аломатҳои дигарро иваз мекунад ва чи пеш аз он ва чи пас аз он ягон хел аломатҳои дигари чудокунанда, ғайр аз нуқта ҳамчун аломати кӯтоҳкунандаи калима, нигоҳ доштан намешавад.

Замимаи 9

**Намунаи муқоваи диск бо шакли электронии рисолаи магистрӣ**

**Номи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ**

**Иҷро кард: магистранти курси______Н.Н.Нп.**

**Самти тайёрӣ** ________________________________________________

(рамз, номи самти тайёрӣ)

**Барномаи магистрӣ:** ________________________________________

(номи барнмаи магистрӣ)

**Мавзӯъ:** ______________________________________________________

(номи мавзӯъ)

**Кафедра :** _____________________________________________________

(номи кафедра)

**Роҳбари илмӣ:** ________________________________________________

(Насаб, Н.К., вазифа, унвони илмӣ, дараҷаи илмӣ)

Имзо

Замимаи 10

**Намунаи ба тартиб даровардани муқоваи диски шакли электронии рисолаи магистрӣ**

**Номи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ:** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Иҷро кард:** магистранти курси 2 Иброҳимов И.И.

**Самти тайёрӣ**: 40.04.01

**Барномаи магистерӣ**: Ҳуқуқи шаҳрвандӣ, ҳуқуқи оилавӣ

**Мавзӯъ:** Танзими ҳуқуқии шартномаи ҳадя

**Кафедра:** Ҳуқуқи граждани

**Роҳбари илмӣ**: д.и.ҳ.,профессор

Шарипов Т.Ш.________________
(имзо)

Душанбе - 2017